**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 249/1с

аз «30» 05 соли 2025

Вазорати энергетика ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар моддаи 1 дар сатри 20 иловашавандаи лоиҳа уҳдадорӣ барои шахсони ҳуқуқӣ дар хусуси гирифтани иҷозатнома вобаста ба амалӣ намудани фаъолият оид ба истеҳсол, интиқол, фурӯш ва тақсим кардани энергияи барқ ва дар сатри $4^1$ иловашавандаи лоиҳа уҳдадорӣ оид ба гирифтани хулосаи экспертизаи давлатии энергетикӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, ҷиҳати кам гардидани талафот, сарбории шабакаҳои барқӣ, банақшагирӣ ва танзими дурусти соҳа мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор Саидзода И.Ҳ.